«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
доктори илмҳои филологӣ, профессор
__________ Гулназарзода Ж.Б.
“__16__” ______03______ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба рисолаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Педагогикаи илмӣ дар муайян сохтани мазмуни таҳсилоти муассисаҳои таълимии Тоҷикистон, махсусан дар зинаи маълумоти миёнаи умумӣ ба назария ва омилҳои бунёдии мушаххас такя намуда, бо ин восила ба рушду ташаккули шахсият таъсир мерасонад. Дар асоси ин ҳама дастовардҳо дар педагогика чунин низоми талабҳои илмӣ ва ба мазмуни таҳсилот ҷавобгӯ коркард мешаванд, ки ба такмил ва таҷдиди он мусоидат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳар кадом бозсозии мазмуни таҳсилот ба давраи ислоҳоти навбатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рост меояд ва вазифаҳои афзалиятноки соҳаи маориф дар ин раванд таъсиси низоми муассири таҳсилот, муҳайё намудани шароит барои таълиму тарбия, дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод мебошад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунанд, ки “Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги

бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад".

Муҳимият ва мубрам будани мавзуи интихобнамудаи Нурматова Нигора Латифовна дар мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур") бо андешаҳои иброзгардида робита дошта, дар шароити имрӯзаи рушди бемайлони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони лаёқати баланди зеҳнӣ дошта яке аз вазифаҳои афзалиятноки аҳли маориф кишвар мебошад.

Дар ин самт шинохти бармаҳал, таълим ва тарбияи кӯдакони боистеъдод ва лаёқатманд яке аз мушкилоти асосии низоми маориф ба шумор меравад ва аз ин сабаб кӯдакони лаёқатманд ба таълиму тарбияи махсус, ҳавасмандӣ ва дастгирии калонсолон эҳтиёҷ доранд. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки масъалаҳо оид ба хусусияти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ташаккули қобилиятҳои зеҳнии онҳо тавассути ҳамкориии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди таҳқиқ қарор наёфтаанд.

Бинобар ин, бо назардошти муҳим будани омӯзиш ва коркарди илмии масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат Нурматова Н.Л. мавзӯи таҳқиқоти «Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна» муайян намуданд.

Боиси зикр аст, ки дар рисола, зимни таҳияи модели ташкилию педагогии низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ба роҳ монда шуда, самаранокии истифодаи он тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ асоснок шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз шаклҳои муассири фаъолияти таълимӣ дар низоми таҳсилоти иловагӣ дуруст интихоб намудани хонандагон аз рӯйи майлу хоҳиш ба корҳои эҷодӣ ва сайқали фардии лаёқат мебошад. Дар шароити таҳсилоти иловагӣ хонанда бояд барои гирифтани маълумоти босифат талош варзад ва волидон низ дар ҳамкорӣ ин равандро назорат баранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низоми кори педагогӣ-психологӣ бо кӯдакони болаёқат аз бедор намудани ҳавасмандии онҳо ба

интихоби самти муайяни фаъолият оғоз мегардад. Низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ асосан аз рӯйи нақшаи инфиродӣ ва барномаҳои инфиродии таълимӣ бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ бо методҳои муосири таълим пеш бурда мешавад. Яке аз навгониҳои таҳсилоти иловагӣ дар он мебошад, ки дар ояндаи наздик дар он инчунин шакли таҳсилоти фосилавӣ имконияти татбиқшавӣ пайдо менамояд. Дар инфиродигардонии таълими хонандагони болаёқат роҳбари иттиҳодияи таълимӣ (роҳбари маҳфил) тавассути муколама ва ҷустуҷӯйи муштарак, таҳияи стратегияҳое, ки ба рушди инфиродӣ, ташаккули қобилиятҳои худмуайянкунии хонанда равона шудааст, нақши назаррас дорад.

Аз ин лиҳоз, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳар як кӯдак имконият пайдо менамояд, ки самти таҳсили барномавии худро интихоб намояд. Ин шакли таҳсил ворид шудани хонандаро ба шаклҳои мухталифи фаъолияти маърифатӣ бо дарназардошти майлу хоҳиши инфиродии ӯ ошкор месозад, ки ин ниҳоят муҳим мебошад.

**Арзиши илмӣ ва эътимоднокии диссертатсия.**

Дар диссертатсия дастовардҳои нави илмӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна асоснок шудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар муқаддима дастгоҳи илмии таҳқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст;
2. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчамшмаҳои илмӣ ва адабиёти таҳқиқотӣ низоми ташхис, дарёфт ва кор бо хонандагони болаёқат дар муассисаҳои таълимӣ муайян гардидааст;
3. Самтҳои асосии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ҷустуҷуи роҳу усулҳои инкишофи қобилиятҳои зеҳнии онҳо муайян шудаанд;
4. Меъёрҳо ва принсипҳои асосии таҳияи барномаҳои махсусгардонидашудаи таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар асоси ҳамгироии низоми таҳсилоти иловагӣ бо таҳсилоти умумӣ мавриди коркард қарор ёфтааст;.
5. Модели самарабахши педагогии ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълиму тарбияи хонандагони болаёқат таҳия ва татбиқ гардид;
6. Муаллиф аз таҳқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори

худ таъкид намудааст;

7. Методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи таҳқиқотӣ дар ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;
8. Таҳлили назариявии масъала ва натиҷагирӣ аз таҳқиқоти амалӣ, ки онҳо дар ҷорӣ намудани низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна арзишманд хоҳад буд, иброз шудааст.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:**

- масъалаҳои педагогиву иҷтимоии шахсияти “Кӯдаки болаёқат” дар илмҳои педагогика ва психология мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд;

- асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян карда шуд;

- аҳамияти гирифтани таълими иловагӣ дар ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд;

- бо назардошти талаботи педагогиву психологӣ низоми таълиму тарбияи хонандагони болаёқат дар машғулиятҳои таълими иловагӣ таҳия гардид;

- модели ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” коркард ва пешниҳод шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки** нақш ва мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар рушди зеҳнии хонандагон муайян ва асоснок ва ташаккул ва рушди салоҳиятҳои умумӣ ва фаннии хонандагони болаёқат дар ҷараёни таҳсилоти иловагӣ муайян карда шуд. Меъёр ва роҳҳои рушди зеҳнии хонандагон зимни машғулиятҳои таълими иловагӣ муайян шуда, самаранокии ташкили механизми ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими хонандагони болаёқат аз лиҳози илмӣ асоснок карда шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот тадқиқот.** Маводи таҳқиқоти бадастомада ва таҳияи модели нави ҳамкории муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро оид ба таълими хонандагони болаёқат коркардшуда, самаранокии фаъолиятҳои таълимӣ бо хонандагони болаёқатро таъмин месозад. Ҳамчун низоми воҳид ва

ягона барои ташаккули муҳити таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ доир ба роҳҳои рушди фаъолияти зеҳнии хонандагон истифода гарданд. Боиси зикр аст, ки тавсияҳои методиро метавон дар анҷом додани корҳои таҳқиқотӣ ва илмӣ оид ба таълиму тарбияи хонандагон болаёқат ва рушди зеҳнии хонандагон истифода бурд.

Муаллиф интихоби усул ва тарзи таълим, амалигардонӣ ва санҷиши бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоиширо босамар ба роҳ монда, барои ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва фишурдаи он, таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ, гузориш дар конфронсу семинарҳо муташакилона фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 4 ададӣ мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд.

Рисолаи илмии унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст муайян карда шудаанд.

Боби якум – “**Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми таҳсилоти хонандагони болаёқат”** ном гирифта, дар он низоми банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, масъалаи такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе баррасӣ гардидааст.

Қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №353 «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» дар рушди таҳсилоти иловагӣ ва кор бо хонандагони болаёқат такони ҷиддие дода, дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ташкил карда шуд. Яке аз ҳадафҳои Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 ин таъсиси марказҳои рушди истеъдодҳо буда, бо таъсис ёфтани ин марказҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ташкил гардид.

Тавре дар рисола қайд гардидааст, барои кор бо хонандагони лаёқатманд ва ҳалли масъалаҳои мураккаби омода кардани онҳо ба ҳаёти бомуваффақият кадрҳои ботаҷриба лозиманд. Муҳаққиқ ҳангоми омода кардани омӯзгор ба ин кор ду марҳиларо ҷудо намуданд, ки якум ба даст овардани маълумот дар бораи истеъдод, навъҳои он, хусусиятҳои инкишоф, таълими ибтидоии шахсияти лаёқатманд ва дуввум омодагии бевоситаи омӯзгор барои кор бо хонандагони лаёқатманд.

Зимни баргузории марҳилаҳои таҳқиқот муаллифи рисола тадқиқоти худро дар муассисаи таълимии навъҳои гуногун мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсей , гимназияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо равияву самтҳои гуногун гузрониданд, ки дар он хонандагони синну соли гуногун (мактаби ибтидоӣ, асосӣ, миёна) иштирок кардаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба проблемаҳои асосҳои педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки дар ҷадвалу диаграммаҳо оварда шудааст, ҷолиби диққат буда, вобаста ба объекти омӯзиш ба роҳ монда шуда, аз таҳлили оморӣ математикӣ ва коррелятсионӣ иборатанд, ки хоси таҳқиқоти педагогӣ - психологӣ мебошад. Тадқиқоти гузаронидашуда аз рӯи модели зерин гузаронида шуд: ЭЪТИРОФ – ИНКИШОФ – АМАЛ КАРДАН. Модели пешниҳодшуда ба консепсияи «истеъдод» асос ёфтааст. (ниг.ба саҳ.38)

Тавре муҳаққиқ иброз медорад, ин кор аз омӯзгор салоҳияти баланди касбиро талаб мекунад ва зери мафҳуми “салоҳияти баланди касбӣ” на танҳо доштани маълумот дар бораи хусусиятҳои лаёқатмандии кӯдакон, сатҳҳои рушд ва меъёрҳои баҳодиҳии қобилият, балки мавҷудияти малака ва маҳорати муайян намудани хонандагони лаёқатманд аз рӯи аломатҳои лаёқатмандӣ ва соҳибистеъдодӣ бо назардошти намудҳои лаёқатмандӣ дар назар дошта шудааст.

Муваффақият дар раванди кор бо хонандагони лаёқатманд маҳорати инкишофи лаёқатмандӣ мебошад ва кор бо хонандагони лаёқатманд бояд ба рушди ҳамаи ҷузъҳои сохтории система: зеҳнӣ, эмотсионалӣ ва ҳавасмандкунӣ-ихтиёрӣ равона карда шавад. Таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки новобаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Хамкории ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дарон арзёбӣ гардидааст, ки кори қисмати таҳсилоти иловагии мактабӣ дар асоси нақшаҳои солона, нақшаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва нақшаҳои таълимию мавзӯӣ, ки аз ҷониби директори мактаб ё муовини ӯ оид ба таҳсилоти иловагӣ тасдиқ шудаанд, сурат мегирад. Падару модарон бо мақсади истифодабарии самараноки вақти холии фарзандон барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани онҳо вобаста ба майлу хоҳиш, рағбат ва қобилияташон мусоидат менамоянд.

Дар боби дуюм - **“Низоми самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар самти дарёфт ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат”** аз се фасл иборат аст. Онҳо Модели самарабахши ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна дар мисоли фаъолияти Муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таълими иловагии хонандагони болаёқат ва арзёбии натиҷаҳои он дахл доранд.

Муаллиф дар ин фасл тазаккур медиҳад, ки Ҳамасола дар “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур” беш аз 450 хонанда таҳсил намуда, дар бахшҳои иловагии таълимӣ таҳсил мекунанд, ки аксарияти онҳо таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ноҳияи Шоҳмансур мебошанд. Қабул ба Марказ дар асоси озмун гузаронида мешавад. Яке аз моделҳои самарабахши ҳамкории Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ин ноҳия ва ҳамзамон яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон, ҷалби онҳо ба илмомӯзии мустақилона, ихтироъкорию эҷодкорӣ ҳавасманднамудани онҳо барои иштирок дар даврҳои гуногуни олимпиадаҳои фаннӣ низ ба шумор меравад. Айни замон дар ҷумҳурӣ дар муқоиса бо солҳои қаблӣ шумора ва намуди олимпиадаҳои фаннӣ зиёд гардида, сол то сол теъдоди иштирокчиёни онҳо афзуда истодаанд.

Омӯзиш аз натиҷанокии кор бо хонандагони лаёқатманд дар Маркази таҳсилоти иловагии «Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» аз ҷониби унвонҷӯ аз рӯи меъёрҳои гуногун баррасӣ гардидааст. Таҳқиқ нишон додааст, ки дар 3 соли охир шумораи хонандагон дар Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур» 2,4 маротиба, яъне 140 то 336 хонанда афзуда, таҳсил дар иттиҳодияҳои

таълими фанҳои дақиқ каме тағйир ёфта, дар ин муддат афзоиши шумораи хонандагон дар иттиҳодияҳои таълимии бахши фанҳои гумантарӣ, аз қабили омӯзиши забонҳои хориҷӣ афзоиш ёфтааст.

Таҳқиқоти илмии анҷомшуда дар доираи рисолаи диссертатсионӣ унвонҷуйро ба хулосае овард, ки дар самти рушд ва ташаккулёбии донишу қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои фардии онҳо аз ҷониби Марказ фаъолияти васеъ ба роҳ монда шудааст. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки бо истифодаи усулҳои муосири таълимӣ ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим сатҳи таҳсилот дар муассиса боло рафта, хонандагон дар озмуну мусобиқаҳои гуногуни илмиву фаннӣ сазовори натиҷаҳои баланд шудаанд.

Таҳқиқоти илмии анҷомшуда дар доираи рисолаи диссертатсионӣ моро ба хулосае овард, ки дар самти рушд ва ташаккулёбии донишу қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон бо назардошти хусусиятҳои фардии онҳо аз ҷониби Марказ фаъолияти васеъ ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки бо истифодаи усулҳои муосири таълимӣ ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим сатҳи таҳсилот дар муассиса боло рафта, хонандагон дар озмуну мусобиқаҳои гуногуни илмиву фаннӣ сазовори натиҷаҳои баланд шудаанд.

Дар умум, дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Аз нуқтаи назари мо, рисолаи илмии Нурматова Нигора Латифовна мавзуи "Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур"), таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар педагогикаи ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда, дар рисола баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи он хеле муфиданд:

1. Ҳарчанд муҳаққиқ "Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020"-ро дар диссертатсия мавриди омӯзиш қарор дода бошад ҳам, мубрамият, мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бояд мазмуну муҳтавои Стратегияи миллии рушди

маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030-ро низ дар бар мегирифт. Хуб мебуд, ки натиҷаи таҳқиқот аз нуқтаи назари иҷроиши бандҳои Стратегияи мазкур ва навовариҳои ба дастовардаи муҳаққиқ дар ин самт ба таври мушаххас пешниҳод мегардиданд.

2. Дар боби дуюми рисола аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ корҳои баанҷомрасида дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо мавриди ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо хонавода ба таври васеътар бояд кушода дода мешуд.
3. Ҳамчунин дар диссертатсия бештар ба омӯзиши асосҳои педагогӣ, методӣ ва иҷтимоии хусусиятҳои таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва ташаккули қобилиятҳои зеҳнии онҳо дода шуда, ба ҷанбаи психологии баҳисобгирии хусусиятҳои синну солӣ ҷойгоҳи камтар дода шудааст.
4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси рисолаи илмии Нурматова Нигора Латифовнаро дар мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”), дар ҳудуд ва миқёси мавзӯи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Кори диссертатсионӣ анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Нурматова Нигора Латифовна мавзуи “Низоми таълими хонандагони болаёқат дар асоси ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ(дар мисоли муассисаи давлатии “Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур”) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзадӣ илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария,

методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов М.Ғ. мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Нурматова Нигора Латифовна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогика 11 нафар устодону омӯзгорони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 11 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода аз 16.09.2023, №2).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улугзода
доктори илмҳои педагоғӣ, профессор Шоҳиён Н.Н.

Экспертҳо:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов М.Ғ.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллозода Ҳ.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ Нураҳмадзода Д.

16.09.2023

**Маълумот барои тамос: Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj

Имзои Шоҳиён Н.Н., Шарифов М.Ғ., Абдуллозода Ҳ. ва Нураҳмадзода Д.тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДБХЗТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.